*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №145 (4885) | ПАНҶШАНБЕ, 28 НОЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## БАХТИ БАЛАНДИ ЛОЯЗОЛӢ ДОРЕМ

**Тавре ҳамарӯза мушоҳида мекунем, маҳз бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар, бо азму талошҳои хастанопазиру шабонарӯзии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ободкориҳои зиёд ба амал омада, имрӯз кулли манотиқи кишвар саросар шукуфону гулфишон гардидааст.**

Минтақаи Мурғоб аз ҷумлаи онҳост. Ин минтақа иқлими хеле сард дорад ва дар он ягон буттаю растанӣ ва ниҳолу дарахт, ба истисноӣ як гиёҳе, ки онро терескан ном аст, намерӯид. Тавассути ин буттаи даштӣ мардуми таҳҷоӣ ё дар маҳалҳо истиқоматдошта фасли сармо манзилҳои зисташонро гарм сохта, бо ҳамин гиёҳи саҳроӣ танӯрҳояшонро метафсонданд. Қуллаҳои осмонбӯси макони будубоши буму уқобон, палангу кафторон, ки харсангу теғакӯҳҳояш ҳама атрофро иҳота намудааст, дар қалби кас ноаён ваҳшате месозанд.

Дар минтақа аксаран шамоли сард вазида, ҳатто дар моҳҳои гарми фасли тобистон кӯрпаи чандинқабатаи барф ба чашм мерасад. Дар ин баландкӯҳи табиати ниҳоят сарддошта мардум, дар маҷмӯъ, ба қутоспарварӣ машғуланд. Об бошад, дар ҳарорати на беш аз 65 - 70 дараҷа пурра меҷӯшад. Дар суҳбат бо мардуми таҳҷоӣ аён гашт, ки табиати носозгор таъсиру зиёни бадашро ба аксари узвҳои инсон, махсусан ба дандону мӯйи сар бештар расонида, нарасидани шуоъҳои доимии гарми офтоб инсонро заифу бемадор мекардааст.

Маҳз бо шарофати соҳибистиқлолӣ ва бо дастгирию ғамхорӣ, кӯшишу талошҳои фарзонамарди миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин минтақаи дурдасти мамлакат имрӯз хеле ободу хуррам гардидааст. Он ҷо дар маркази шаҳраки ноҳия аз суханрониҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иморати боҳашамате бо оби заррин чунин навиштаҷот ҳаккокӣ шудааст: «То рӯзе, ки ҷон дар рамақ дорам ва дар қайди ҳаёт ҳастам, намегузорам, ки мардуми минтақаи дурдасти Мурғоб қаҳтиро бинанд, гурусна монанд, машаққату азобу азият бикашанд». Оре, ин суханони самимӣ ва пурмаънию пурмазмуни Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзҳое гуфта шуданд, ки мардуми ҷумҳурӣ навакак аз ҷангу низои шадиди таҳмилии шаҳрвандӣ раҳоӣ ёфта, ҳатто бисёриҳо ба ояндаи неку дурахшони худ умеду боварӣ надоштанд ва тарсу ҳароси ин ҷанг руҳу равони мардумро батамом тарк накарда буд. Ростӣ, чунин суханони меҳромезу таскинбахшро ба ин мардуми қарнҳо дар оғӯши сарди харсангҳо ба сар дошта то ҳанӯз касе аз роҳбарони вақти кишвар нагуфта буданд. Охир, чӣ ҷои пинҳон доштани матлаб ва гилагузорист, ки аксари собиқ роҳбарони вақти ҷумҳурӣ аз талвосаи ҷон ва тарсу ҳароси зиёд ягон маротиба ба ин макони дурдаст сафари корӣ анҷом намедоданд...

Акнун, аз ифшои матлаби асосӣ дур нарафта, боз як хитобаю муроҷиати ҷавонмардонаю беназири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба хотир меорем, ки он ҳам ба қавлу иқдоми нотакрори дар боло зикрашрафта ҳамоҳангӣ, ҳамдилӣ ва шабоҳат дорад. Агар ҳамагон дар ёд дошта бошанд, дар Иҷлосияи таърихию тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Роҳбари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба халқи азизи худ муроҷиат карда чунин изҳор намуда буданд: «Қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои шукуфоии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам боварии комил дорам». Яъне, ин ҳамраъйӣ, ҳамдилӣ, муроҷиату ғамгусориҳо магар ҳамдигарро пурраю комилтар намесозанд ва магар онҳо аз қалби пуршӯру пурмеҳри як инсони садоқатпешаю меҳандӯсту раъиятпарвар гуфта нашудаанд? Воқеан, он суханоне, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минтақаи дурдасти Мурғоб иброз доштанд, хеле самимию боварибахш гуфта шудаанд, ки дар он рӯзҳои душвору ҳассос ба руҳу равони мардуми ин ноҳияи иқлими хеле сарддоштаи кӯҳистонамон шуълаи умеду бовариро илқо сохтанд ва имрӯз тавре мебинему шоҳидем, суханони дар ин ноҳияи дурдасти кӯҳӣ изҳорнамудаи Пешвои миллат низ дар ҳаёт пурра татбиқ шуданд. Ҳоло мардуми ноҳия ҳаёти хеле хуб доранд, барои иқлими сард музди маоши иловагӣ мегиранд, тамоми сол бо кулли маҳсулоти ғизоӣ таъминанд ва дар масъалаи истироҳату фароғаташон низ ягон норасоию камбудӣ сари роҳашон вуҷуд надорад. Дар ноҳия бо забонҳои тоҷикию қирғизӣ театру клубҳо, муассисаҳои таълимӣ ва боғчаю таълимгоҳҳои таъиноти гуногундошта амал мекунанд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи судяи суди ноҳияи Сангвор озод намудани Иброҳимзода А. И.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Иброҳимзода Абдушукур Иброҳимҷон бо хоҳиши худаш аз вазифаи судяи суди ноҳияи Сангвор озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 26 ноябри соли 2024, №880**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 26 ноябри соли 2024, №602, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Холиқзода А. Ғ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Холиқзода Абдуманон Ғаффор бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи муовини сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## МУҲОКИМАИ ПАРЛУМОНӢ

### Ин дафъа рафти иҷрои «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030» баррасӣ шуд

**То имрӯз дар доираи ‹‹Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030›› баъзе корҳои муҳим анҷом пазируфтанд, ки муҷиби рушди минбаъдаи илми ватанӣ хоҳанд гашт, аммо баробари ин, дар раванди иҷрои барномаи мазкур камбудиҳо низ ба назар мерасанд. Ин нукта зимни муҳокимаи парлумонӣ оид ба рафти иҷрои ‹‹Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030››, ки 26 ноябри соли равон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир шуд, зикр гашт.**



Муҳокимаи парлумонӣ бо ташаббуси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, таҳти раёсати муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Мавсума Муинӣ ва иштироки вакилони Маҷлиси намояндагон, роҳбарияти вазорату идораҳои дахлдор, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баргузор гашт.

Зикр шуд, ки Ҳукумати кишвар аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба рушди илму маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Ин муддат дар соҳаи илму маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва сармояи хориҷӣ беш аз 1400 лоиҳаи давлатӣ ба маблағи 36 миллиард сомонӣ амалӣ шуд. Дар буҷети соли 2024 ба ин соҳа зиёда аз 225 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки назар ба соли 2023-юм 45 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

- Барномаи мазкур бо мақсади такмил ва рушди низоми тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ, таъмини муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат бо мутахассисон, баланд бардоштани қобилияти зеҳнию таҳлилии насли нави илмӣ, тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ ва ба талаботи бозор мутобиқ намудани онҳо таҳия шудааст, - гуфт зимни суханронӣ раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ.

Зимни таҳлил ва ҳисоботи масъулин муайян гашт, ки ҳарчанд аз қабули барнома чор сол сипарӣ шуда бошад ҳам, иҷрои баъзе бандҳои он қаноатбахш нест.

Яке аз ҳадафҳои барнома тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар марказҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатҳои хориҷӣ аз рӯйи ихтисосҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти омода кардани чунин кадрҳо мавҷуд нест, ба ҳисоб меравад. Тавре президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қобилҷон Хушвахтзода иттилоъ дод, бо ин мақсад бо як қатор муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии хориҷи кишвар шартномаҳои ҳамкорӣ, ёддошт ва тафоҳумномаҳо ба тасвиб расидааст. Ҳамчунин, дар доираи иҷрои барнома бо қарори раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон соли равон ҳайати нави раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгории тахассуси олӣ тасдиқ шуд. Аз ин теъдод 6 шурои диссертатсионӣ дар назди комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия фаъолият мекунанд, ки барои омода кардани кадрҳои илмӣ-омӯзгорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кумак менамоянд. Ба шуроҳои мазкур рисолаҳои илмие, ки имконияти ҳимоя намудани онҳо дар шуроҳои диссертатсионии назди Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд нест, пешниҳод карда мешаванд.

Тақвияти тадбирандешӣ ҷиҳати тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар самти илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ, техникӣ, тиббӣ ва кишоварзӣ бо роҳи зиёд намудани шумораи ҷойҳо дар магистратура, аспирантура ва докторантураи фалсафа (PhD), докторантура аз рӯйи ихтисос, пешбинӣ намудани имтиёзҳо барои ҷавононе, ки дар самтҳои зикршуда таҳқиқ мекунанд, аз ҳадафҳои дигари барнома мебошад, ки ин ҳам дар доираи имкониятҳои мавҷуда амалӣ шуда истодааст.

Корҳои созандагӣ ҷиҳати беҳтар намудани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, сохтмони инфрасохтори ба талаботи муосир ҷавобгӯ, сохтмони мактабҳо дар мавзеъҳои аҳолинишини ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар низ идома дорад, ки ин чораҳо ҳатман замина баҳри тарбияи кадрҳои баландихтисоси илмӣ мебошанд. Тавре аз суханронии Насиба Содиқӣ маълум шуд, сатҳи касбии на ҳама омӯзгорон ба талабот ҷавобгӯй мебошад. Ба ғайр аз ин, тайёр кардани номзадҳо ва докторони илм дар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатҳои хориҷӣ аз рӯйи ихтисосҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омода намешаванд, қаноатбахш нест.

Бино ба маълумоти муовини раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Аҳмадзода «аз ҷониби масъулин бо гузашти се соли муҳлати амалисозии барномаи мазкур барои таҳсил аз рӯйи низоми «доктор инженерия (EngD)» ба муассисаҳои илмии кишварҳои хориҷӣ мутахассис фиристода нашудааст. Масъулин оид ба таҳия ва амалигардонии таҳсилоти муҳандисӣ аз рӯйи барномаи EngD - доктори илмҳои техникӣ низ чораҳои зарурӣ наандешидаанд. Сатҳи қабул ва хатм ба магистратура, аспирантура, докторантураи фалсафа (PhD)-и докторантура аз рӯйи ихтисос, докторантура ва посдокторантура дар давоми солҳои 2021-2023 дар сатҳи паст қарор дошта, дар ин давра ҳамагӣ аз 0,54 то 35 фоиз таъмин шудааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳангоми таҳияи нақшаи қабул аз ҷониби масъулини иҷрои барномаи давлатии мазкур таҳлили дурусти талаботи воқеии бозори меҳнат дар самтҳои зикршуда гузаронда намешавад».

Иттилоъ гирифтем, ки барномаи мазкур дар асоси принсипҳо ва талаботе, ки дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» доир ба дурнамои рушди дарозмуҳлати низоми илму маорифи ҷумҳурӣ таҳия гардидааст, амал мекунад. Бинобар ин, иҷро нагардидани барнома ва нақшаи чорабиниҳои он боиси иҷро нагардидани стратегияи мазкур мегардад.

Дар муҳокимаи парлумонӣ, ҳамчунин, муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷӯразода, раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайфиддин Давлатзода суханронӣ намуданд. Барои сари вақт амалисозии ин барнома ва бартараф намудани камбудиҳо тавсияҳо ироа гардид.

Баъд аз музокира ва саволу ҷавоб қарор ва тавсияҳои парлумонӣ қабул шуданд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

## ПЕШСАФ, СОЗАНДА, БУНЁДКОР

**С. МАТРОБИЁН,**
**М. ШОДИЁН,**
**Ф. НАҶМИДДИНИЁН,**
**вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сӣ сол муқаддам Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон таҳти сарварӣ ва раҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба майдони сиёсат чун ҳизбе қадам ниҳод, ки ба мардуми шарифу заҳматкаши тоҷик такя дошт ва эълон кард, ки ҷонибдори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.**

Сӣ сол дар назди таърих муддати тӯлонӣ нест, вале роҳи бошарафона тайнамудаи ҳизби мо тайи ин муддат тӯлонию пурпечутоб, пурифтихор ва ибратомӯз аст. Имрӯз, саҳифаҳои таърихи ҳизбамонро варақгардон намуда, бори дигар шоҳиди он мегардем, ки танҳо бо дуруст ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ, таблиғотию оммафаҳмонӣ ва ба дили халқ роҳ ёфтан метавон дурри мақсуд ба даст овард. Бояд зикр намуд, ки Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон аз оғози фаъолият то ба имрӯз ҳамеша манфиатҳои халқу миллатро ҳифзу ҳимоя менамояд, омодаи хизмат ба халқу Ватан аст. Аз нахустин рӯзҳои фаъолияташ ҳизби мо роҳи адолату ҳақиқатро пеш гирифта, дар доираи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии ҳуқуқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, Оиннома ва Барномаи ҲХДТ фаъолият менамояд.

Боиси зикри хос аст, ки тавсияю дастурҳои саривақтӣ ва аз лиҳози сиёсӣ пураҳамияти поягузори ҲХДТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имконият фароҳам меоварад, ки намояндагони қишрҳои мухталифи ҷомеа шомили сафи он гардида, дар амалигардонии сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ширкати созандаю фаъолона дошта бошанд.

Сафи ҳизб дар заминаи ҷалби неруҳои зеҳнии ҷомеа пайваста пурраю мустаҳкам мешавад. Дар сохторҳои идории ҳизб мутахассисони болаёқати дорои дониши амиқу ҷаҳонбинии васеъ ва ба ҳизбу давлат содиқ ба кор фаро гирифта мешаванд. Интихоб ва таъини кадр дар ташкили фаъолияти сохторҳои ҳизбӣ масъалаи усулӣ ва калидӣ мебошад.

Ҳаёти ҷомеа бо ҲХДТ, ки рӯ ба рӯ бо тазодҳои ҳаёти иҷтимоӣ гом мебардорад, мувофиқи талаботи вазъи баамаломада фаъолият мебарад.

Ҷаҳонишавӣ, ҷангу хунрезиҳо дар ин ё он гӯшаи олам, норасоии обу ғизо, тағйирёбии иқлим, тақсимоти ҷаҳон ва ғайра аз ҳар як аъзои ҳизб ҳушёрии сиёсиро талаб менамояд.

Дар айни ҳол ҷамъият масоили дигари марбути инкишофу тараққиётро пешорӯи ҲХДТ меорад. Аз ин лиҳоз, Сарвари дурандеши ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки амиқи моҳияти тараққиёти босуръати дунёи зуд тағйирёбанда, бахусус, дар ҷомеаи Тоҷикистон, дар назди ҳизбиён вазифа гузоштанд, то фаъолияти ҳизбро дар асоси талаботи давру замон ба роҳ монанд. Ислоҳоти фарогир дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоии кишвар ва ҳизб аз ҳидояту супоришҳои Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегиранд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст

# АЗ НАВГОНӢ ТО ҶАМЪБАСТИ ИМСОЛАИ ОЗМУНИ ОЯНДАСОЗ

**Иштирокчиён, масъулони баргузории Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва ҳайати ҳакамони он дар ҳар номинатсияи озмун «Шоҳҷоиза» муқаррар шуданро аз беҳтарин навгонии имсола дар озмуни мазкур донистанд. Ҳамин тавр, аввалин бор дар таърихи баргузории озмун ҳайати ҳакамон имсол 4 нафар - хонандаи синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51-и шаҳри Кӯлоб Малика Ҳасанова, хонандаи синфи 9-и мактаби президентӣ дар шаҳри Хоруғ Шаина Мабатқадамова, хонандаи синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №69-и ноҳияи Восеъ Сабрина Шарифзода ва хонандаи синфи 3-и гимназияи №4-и шаҳри Душанбе Асилабону Алимоваро сазовори «Шоҳҷоиза» донистанд.**




Озмуни мазкур, ки аз бузургтарин падидаҳои фарҳангӣ маҳсуб ёфта, ҳар сол ҳаводорони зиёди китобро ҳатто аз дурдасттарин рустои кишвар дар қалби Тоҷикистон - Душанбе ба ҳам меорад, ботантана ҷамъбаст гардид. Маросими ҷамъбасти озмун ва ҷоизасупорӣ шоми 23-юми ноябри соли равон дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ бо ҳузури устодони сухан, маъруфтарин чеҳраҳои назму насри муосир ва намояндагони мақомоти гуногун доир шуд.

Қабл аз ин, ҳайати ҳакамони озмун дониш, маҳорати азхудкунӣ ва суханпардозии иштирокчиёни даври ниҳоии озмунро, ки 547 нафар аз ҳисоби муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, аспирантону докторантон, ходимони илмӣ ва адабии муассисаҳои илмию эҷодӣ, омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун буданд, озмуданду хулоса карданд.

Рӯзи ҷамъбасти озмун ҳама ба истиқбол ва шодбошии ғолибон, ки умеди фардои ободу зебои кишвар мебошанд, шитофтанд. Толори Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ зуд аз ҳаводорони олами китоб ва мухлисони озмуни созанда пур шуд. Бори дигар собит гашт, ки иқдоми илмпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» саривақтӣ ва барои ҷомеа муфид мебошад.

Зикр гардид, ки озмун аз рӯйи шаш номинатсия: адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ, адабиёти классикии тоҷик, адабиёти муосири тоҷик, адабиёти ҷаҳон ва эҷоди назму наср дар чор давр доир гашт.

Дилрабо Мансурӣ, муовини Сарвазири ҷумҳурӣ, зимни ифтитоҳи маросими ҷоизасупорӣ табрикоти Ҳукумати кишварро ба ғолибони озмун, волидону омӯзгорон ва кулли ширкаткунандагони он расонд.

- Соли шашум аст Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, таҳкими эҳсоси худшиносию худогоҳӣ, тарғиби китобу китобхонӣ ва тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар доир мегардад, - афзуд Дилрабо Мансурӣ.

Бояд зикр кард, ки дар даври якуми озмун 251 ҳазору 266 нафар, дар даври дуюми он 49 ҳазору 267 нафар ва дар даври сеюм 3742 нафар иштирок намуданд.

Дар маҷмӯъ, 130 нафар ғолиби озмун гардиданд. Натиҷаи озмун нишон дод, ки шаҳри Душанбе бо гирифтани 43 ҷой (1 Шоҳҷоиза, 10 ҷойи якум, 15 ҷойи дуюм, 17 ҷойи сеюм) сазовори ҷойи якум, вилояти Хатлон соҳиби 35 ҷой (1 Шоҳҷоиза, 3 ҷойи якум, 11 ҷойи дуюм, 19 ҷойи сеюм), вилояти Суғд соҳиби 29 ҷой (5 ҷойи якум, 10 ҷойи дуюм, 14 ҷойи сеюм), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон соҳиби 13 ҷой (1 Шоҳҷоиза, 4 ҷойи дуюм, 8 ҷойи сеюм) ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ соҳиби 10 ҷой (3 ҷойи якум, 2 ҷойи дуюм, 5 ҷойи сеюм) гардиданд.

Ба ғолибон 35 000 сомонӣ ва ба соҳибони мақомҳои дуюму сеюм мутаносибан 25 000 ва 20 000 сомонӣ тақдим гардид. Ҳамчунин, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки шогирдонашон дар озмун ҷойҳои ифтихориро соҳиб шуданд, ҳар кадом бо 10 000 сомонӣ қадр гаштанд. Ба ҳар кадом барандаи «Шоҳҷоиза» бошад, 70 ҳазор сомонӣ тақдим шуд.

Ҳамин тавр, озмуни навбатии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» имсол низ чеҳраҳои навро кашф намуд. Чеҳраҳоеро, ки фардо чароғи маънавиро фурӯзон нигоҳ хоҳанд дошт ва муҷиби тараққии кишвар хоҳанд шуд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**




# ҒОЛИБОНИ ФЕСТИВАЛ-ОЗМУНИ «ВАССОФИ ВАТАН» МУАЙЯН ГАРДИДАНД

**22-юми ноябри соли равон дар кинотеатри «Ватан»-и шаҳри Душанбе маросими ҷоизасупорӣ ба ғолибони Фестивал-озмуни «Вассофи Ватан» доир шуд.**

Ҳадаф аз баргузории Фестивал-озмуни «Вассофи Ватан» тарбияи эҳсоси ватандӯстӣ, ифтихор аз истиқлоли давлатӣ, эҳтирому муҳаббат нисбат ба Ватан ва расму оинҳои мардумӣ, тарғиб ва муаррифии дастовардҳои солҳои соҳибистиқлолӣ, шинос намудани сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ бо табиати зебоманзари мамлакат ва эҳёи ҳунарҳои мардумию армуғонҳои миллӣ буд.

Фестивал-озмун дар чор номинатсия - «Беҳтарин маводи насрӣ (мақола, ҳикоя, қисса, роман, достон ва ғайра)», «Беҳтарин ролики таблиғотӣ, барнома ё филми муаллифии кӯтоҳ», «Беҳтарин тарғибгари дастовардҳои миллӣ» ва «Беҳтарин тарғибгари мавзеъҳои сайёҳӣ» аз моҳи апрел то моҳи ноябр идома ёфт.

Дар номинатсияи «Беҳтарин маводи насрӣ (мақола, ҳикоя, қисса, роман, достон ва ғайра)» ҷойи якум ба Сипеҳр Ҳасанзод, ҷойи дуюм ба муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» Далер Абдулло ва ҷойи сеюм ба Анвар Юсуфов дода шуд.

Дар номинатсияи «Беҳтарин ролики таблиғотӣ, барнома ё филми муаллифӣ» Дилбар Наҷмиддинзода ҷойи якум, Амирҳамза Давлатов ҷойи дуюм ва Умед Шарифзода ҷойи сеюмро соҳиб шуданд.

Дар номинатсияи «Беҳтарин тарғибгари дастовардҳои миллӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» ҷойи якум ба Афзалшоҳ Баҳодуров, ҷойи дуюм ба Масрур Меликзода ва ҷойи сеюм ба Сайнуриддин Исмоилзода дода шуд.

Дар номинатсияи «Беҳтарин тарғибгари мавзеъҳои сайёҳӣ дар воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ» ғолиби ҷойи якум Марзия Саидова, ҷойи дуюм Саидакбар Ҷалолов ва ҷойи сеюм Ҷаҳонгир Сафарализода гардиданд.

Ба ғолибони ҷойҳои якум 7 ҳазор сомонӣ, ҷойҳои дуюм 5 ҳазор ва ҷойҳои сеюм 3 ҳазор сомонӣ мукофотпулӣ тақдим гардид.

**Гулбаҳор РАҲМОНОВА, «Садои мардум». Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# БАХТИ БАЛАНДИ ЛОЯЗОЛӢ ДОРЕМ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Садҳо биноҳои хуштарҳи замонавӣ дар бахши иқтисодиёт, иҷтимоиёт, савдо, нақлиёт, фарҳангу маорифу тандурустӣ мавриди истифодаи мардум қарор дода шудаанд. Маҳз ба шарофати дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат шаҳраки Мурғоб имрӯз гулзору шукуфазор гардида, дар ин минтақаи кӯҳӣ миллионҳо гулу бутта, дарахтони мевадору сояафкану ҳамешасабз сабзонида шудаанд.

Вақте ки чанд моҳ қабл бори охир ба ин минтақаи дурдасти кишвар сафар намудам, тағйироту дигаргуниҳои чашмрасу беназирро дар ноҳия дида, қалбам пур аз фараҳу нишот гардид. Дар ноҳияи Мурғоб бахшида ба Ҷашни 35 - солагии Истиқлоли давлатӣ сохтмони иншооти таъиноти мухталифдошта бомаром идома дошт. Ҷиҳати иҷрои дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин минтақа наздик ба 200 иншооти таъиноти гуногун ба маблағи садҳо миллион сомонӣ сохта мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудаанд. Дар ноҳия боғи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ гардидааст. Боғи мазкур бо мақсади баргузории барномаҳои фарҳангӣ, идҳои миллӣ ва дигар тантанаҳои ҷашнист. Масоҳати умумии боғ 2 гектарро ташкил дода, масоҳати 10 600 метри мураббаъи он сабзазор ва 1700 бех дарахт шинонида шуда, барои равшаннамоӣ чароғакҳои баландпоя насб гардидаанд. Барои гузаронидани чорабиниҳо дар масоҳати 150 метри мураббаъ майдончаҳои варзиш сохта шуда, бо масоҳати 1100 метри мураббаъ атрофи боғ панҷарабандӣ гардидааст. Дар боғ бо мақсади баланд бардоштани худшиносии сокинони ноҳияи Мурғоб ва фароғати сайёҳон портретҳои адибони тоҷик гузошта шуда, ҳамзамон, расмҳои қаҳрамонҳои филмҳои тасвирӣ ва таҷҳизот барои бозиҳои варзишӣ ва ҳайкалчаҳои ҳайвоноти сунъӣ гузошта шудаанд. Ҳамчунин, дар ноҳия бинои нави Ҷамоати деҳоти Аличур, ки дар заминаи амалишавии барномаи давлатии рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Мурғоб бо тарҳи муосир сохта шудааст, мавриди истифодабарӣ қарор гирифтааст. Дар мавзеи Оқбалиқи деҳоти мазкур як меҳмонхонаи муосир мавриди истифода қарор дода шудааст. Тавре иттилоъ пайдо намудем, соли сипаригашта дар доираи сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар ноҳияи Мурғоб майдони Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ гардидааст, ки масоҳати умумии майдони Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 800 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Баландии пояи Парчами давлатӣ 35 метр, андозаи он 12 ба 6 метр ва баландии пояи Нишони давлатӣ 22 метрро ташкил медиҳад. Саҳни майдон дар масоҳати 1600 $м^2$ бо тахтасангҳо ва 380 $м^2$ бо сангҳои ороишии гранит ва мармар рӯйпӯш шуда, чароғон мебошад.

Ин ҳама бунёду ободкориҳо маҳз ба шарофати Истиқлоли давлатӣ ва таваҷҷуҳи пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати пешрафту тараққиёти ин минтақаи дурдасти мамлакат ба вуқӯъ омадааст. То таҷлили Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон симои ин минтақаи дурдаст ба таври шинохтанашаванда тағйир хоҳад ёфт.

- Мардуми мо Роҳбари давлатамонро барои эҳсоси наҷиби инсондӯстӣ, ҷавонмардӣ, меҳру шафқати самимӣ, мушкилнописандӣ ва иродаи қавию устувор доштанашон зиёд дӯст медоранд. Мо ҳеҷ гоҳ он рӯзҳои тираю даҳшатноки ноумедиро фаромӯш намесозем ва агар ин ҷавонмарди ҷонфидо, инсони воқеан ҳам ҷасуру далер худро миёни обу оташ намеафканд, ҳоли мардуми мо хеле табоҳ мешуд, - мегӯяд дар суҳбат рӯзноманигор Қурбон Аламшоев.

Мо танҳо ҳақиқатро бояд ифшо намоем, ҳақиқатро ба мардум бирасонем ва охир, баъди ин қадар ободкорию бунёдкориҳо чаро мо самимонаю эҳтиромона ба Президенти мамлакатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳсану офаринҳо нахонем?! Яъне, маҳз тавассути соҳибистиқлолӣ ва фидокориҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистонро садҳо кишвари ҷаҳон ба расмият шинохтанд. Бубинед, бо гузашти танҳо се даҳсола Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ба як давлати рӯ ба тараққӣ мубаддал гардид ва имрӯз мардуми сарбаланду шарафманди тоҷик бо тамоми ҳастӣ дарк менамояд, ки истиқлолият муқаддастарин неъмати рӯи дунё мебошад. Ин аст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ба мардуми кишвар таъкид менамоянд: «...Мо - шаҳрвандони Тоҷикистон вазифадор ва масъул ҳастем, ки сарҷамъу муттаҳид бошем, сулҳу суботи бо қимати ниҳоят гарон бадастовардаамонро ҳифз кунем, манфиатҳои милливу давлатиро аз тамоми манфиатҳои дигар боло гузорем ва ба хотири ободии Ватан, рушди давлат ва таъмин кардани зиндагии шоистаи халқамон содиқона, софдилона ва аҳлона заҳмат кашем. Бори дигар таъкид менамоям, ки ба ҳамаи дастовардҳои то имрӯз ноилшудаамон маҳз истиқлолияти давлатӣ имкону шароит фароҳам овардааст».

Бале, ба андешаи мо дастоварди бузургтаринамон дар даврони соҳибистиқлолӣ ин барқарор намудани сулҳу суботи комил, ваҳдату пойдории миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ ва таҳкими худшиносию худогоҳист, ки ин ҳама маҳз тавассути заковату хиради азалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бароямон муяссар гардид. Имрӯз азизу муқаддас доштани соҳибистиқлолӣ вазифа ва қарзи шаҳрвандии ҳар як фарди бонангу номуси кишвар аст, зеро истиқлолият ва озодӣ дар сарнавишти миллати тоҷик тағйироту гардиши куллӣ ба вуҷуд овард ва ба оғози марҳалаи сифатан нави таърихӣ заминаи боэътимод гузошт.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

# ИФТИТОҲИ 16 БУНГОҲИ ТИББӢ

**Дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоса Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 16 бунгоҳи муосири тиббӣ бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки ин беҳтарин дастоварди сол дар самти таҳкими соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилоят ба ҳисоб меравад.**

Дар ин хусус раиси ВМКБ зимни ифтитоҳи бунгоҳи тиббӣ дар деҳаи Миденшарви деҳоти ба номи Мирсаид Миршакари ноҳияи Роштқалъа иттилоъ додаанд.

Соли равон бо кумаку дастгирии Ҳукумати кишвар дар вилоят 30 иншооти табобатию профилактикӣ ба маблағи 130 млн. сомонӣ сохта шуда, бештари онҳо аллакай дар хизмати сокинони шаҳру ноҳияҳои ВМКБ қарор доранд.

Бар замми ин, сохтмони беморхонаи ҳафтошёнаи вилоятӣ дар шаҳри Хоруғ ва шифохонаҳои марказии ноҳияҳои Ванҷу Дарвоз низ бомаром идома дошта, ин муассисаҳои тандурустӣ дар оянда бо муосиртарин таҷҳизот таъмин хоҳанд шуд.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**

# ЗАНОН БА ИНТИХОБОТ ОМОДАГӢ МЕГИРАНД

**26-уми ноябри соли равон Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи омодагӣ ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва ҷамоат семинари омӯзишӣ баргузор намуданд, ки дар он раисони шуроҳои занони вазорату идораҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ иштирок карданд.**

Муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Фирӯза Нуруллозода гуфт, ки маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ ба шарофати таваҷҷуҳу дастгирии Ҳукумати мамлакат занону бонувон ба дастовардҳои зиёд ноил гардида, дар пешрафти кишвар саҳми назаррас мегузоранд.

Таъкид гардид, ки ҳар панҷ сол интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва ҷамоат баргузор мегардад. Тавре маълум аст, соли 2025 ин маъракаи муҳими сиёсӣ доир хоҳад шуд.

Узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Махфират Хидирзода иброз дошт, ки тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандоне, ки синнашон ба 18 расидааст, ҳуқуқ доранд дар интихобот ширкат варзида, ба номзади арзандаашон овоз диҳанд. Махсус таъкид гардид, ки занон низ ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро доранд.

Зикр шуд, ки ифодаи олии ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот буда, иштирок дар он нишонаи дарки баланди масъулияти шаҳрвандӣ мебошад.

**Марҷона СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»**

# ПЕШСАФ, СОЗАНДА, БУНЁДКОР

**(Идома аз саҳ. 1)**

Ба сохторҳои ҳизбӣ кадрҳои ҷавони болаёқат ҷалб карда шуданд, ки дар радифи сиёсатмадорони ботаҷриба кору фаъолият намуда, аз таҷрибаю малака ва дониши сиёсии онҳо баҳравар гашта, бо истифода аз усулу васоити ҳозиразамони пешбурди кор фаъолияти ҳизбро ба сатҳу сифати нав баровардfestand.

Раванди интихоботҳо ба парлумони ҷумҳурӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дар шумули нишондиҳандаи асосиест, ки натиҷаи фаъолияти созмонҳои ҳизбро дар маҳалҳо ва умуман, бурдубохти ҲХДТ-ро баръало таҷассум мекунад. Арқому далелҳо собит менамоянд, ки дар ҳамаи интихоботҳо ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ оғоз аз соли 2000 намояндагони ҲХДТ ҳамеша дастболо гашта, беш аз 70 фоизи мандатҳои вакилиро соҳиб шуданд. Чунин муваффақият дар интихоботи намояндагони халқ ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ низ ба даст омад. Ин дастоварди муҳими сиёсӣ шаҳодати боло рафтани обрӯю нуфузи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҷомеаи Тоҷикистон мебошад, ки он натиҷаи дуруст ба роҳ мондани фаъолияти ҳизбӣ мебошад.

Назария ва ғояҳои асосноку дурандешонаи пешниҳоднамудаи Раиси ҲХДТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати дуруст интихоб намудани стратегия ва тактикаи фаъолияти ҳизбӣ, инчунин, дарки амиқи моҳияти ҳизби сиёсӣ аз ҷониби роҳбарони ташкилотҳои болоию поёнӣ ва дастгирии ҳаматарафаи аксари мардуми Тоҷикистон омили асосии он аст, ки дар марҳилаи кӯтоҳи таърихӣ ҲХДТ ба неруи пурқуввати сиёсии ҷомеаи навини мо табдил ёфт.

Дар парлумони кишвар фраксияи ҲХДТ таъсис ёфта, аъзои ҳизб дар доираи салоҳият на танҳо дар эҷоди қонун фаъолияти пурсамарро ба роҳ монданд, балки дар самтҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ фаъолияти назаррас доранд.

ҲХДТ таҳти роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути роҳандозии фаъолияти доманадору пурсамар исбот намуд, ки он дар низоми сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон ба яке аз омилҳои муҳими таъсиррасонии сиёсӣ ва неруи пешбари ҷомеаи навини тоҷикон табдил ёфтааст.

Баробари ин, Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба хиради баланди сиёсӣ, сифатҳои ҳамида ва маънавиёти баланди аъзои худ такя намуда, донишу таҷриба ва маҳорати онҳоро баҳри амалӣ гардонидани ғояҳои сиёсӣ ва ҳадафҳои барномавии ҳизб сафарбар менамояд. Ҳамчунин, ба таҳкими истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунад, ҷиҳати амалӣ намудани ин ҳадафҳои олӣ фаъолияти густурдаеро пеш мебарад, ҷонибдори озодандешӣ, озодии сухану матбуот ва бисёрҳизбӣ аст. Инсон ва қадру манзалати онро аз ҳама боло медонад.




Ин орзую ормонҳои наҷиб, ки пешрафту шукуфоии Тоҷикистони азизи мо аз онҳо вобастагии зиёд дорад, аз ҷониби табақаҳои мухталифи ҷомеа - ҳам зиёиёни пешқадаму ҳам барзгарони диловар, ҳам кишоварзону ҳам сохтмончиён ҳамраъйӣ ва ҳамовозии амиқ пайдо намудааст.

Тавассути ҷаҳду талошҳои Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон обрӯи Тоҷикистони азиз дар арсаи байналмилалӣ рӯз ба рӯз болотар меравад. Тӯли қариб се даҳсолаи охир дар саросари кишварамон дигаргуниҳои куллӣ, ободкорию созандагиҳо ва пешравиҳои назаррас рух доданд. Истиқлолияти энергетикӣ ва амнияти озуқаворӣ ба даст оварда шуд. Тоҷикистони азиз аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфт. Ҳазорҳо коргоҳу заводу фабрикаҳо, нақбу пулҳо, иншооти дигари иҷтимоию хизматрасонӣ сохта ба истифода супурда шуданд, ки саросар аз файзи дастону дили поки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Вақт нишон дод, ки Сарвари давлати Тоҷикистонро қавлу амал як аст. Ҷаҳон дар симои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тоҷик ва Тоҷикистонро шинохт, ба садояш гӯш андохт ва садои меҳру некхоҳӣ, озодандешию адолатҷӯӣ ва ваҳдату якдилиро шунид.

Пешниҳоду таклифҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ хуш ва гарму самимӣ истиқбол мешавад.

30-солагии ҲХДТ ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» рост омадааст, ки ин ҳам фоли нек буда, аз ҳар як аъзои ҳизб талаб менамояд, ки боз ҳам фаъолтар, зираку ҳушёртар бошему ба Ватану миллати хеш содиқона ва софдилона хизмат намоем.

Ҳар як аъзои ҲХДТ-ро зарур аст, ки маърифати ҳуқуқии хешро баланд бардорад, дар кору зиндагӣ намунаи ибрати дигарон бошад, бо меҳнати ҳалолу бунёдкорона садоқати худро ба Ватан – Модар, ба фарзанди фарзонаю ҷонфидои миллати тоҷик, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ба муқаддасоти Ватан собит намояд.

Фаромӯш набояд кард, ки масъулияти ҳизбӣ, рисолати инсонӣ ва қарзи фарзандии ҳар яки мо аз он иборат аст, ки Тоҷикистони зебою озод, дилрабою мутараққиро ба наслҳои оянда ба мерос гузорем.

# АЗ МОҶАРО ТО ФОҶИАИ КАРИМИ ШИШ



**Дар адабиёти ҷаҳон жанри детектив мақоми хос дорад. Асарҳое, ки дар ин жанр офарида шудаанд, серхонанда буда, бо теъдоди зиёд ба фурӯш мераванд. Осори нависандагони машҳури моҷаронависи Ғарб, аз қабили Эдгар По, Артур Конан Дойл, Уилки Коллинз, Анна Кетрин Грин, то имрӯз муштариёни фаровон доранд. Дар адабиёти муосири Чин нақши Чен Сяотсин, ки таҳти таъсири асари Артур Конан Дойл «Ҳикояҳо дар бораи Шерлок Холмс» як силсила асарҳои детективиро навиштааст, хеле барҷаста мебошад. Ф. М. Достоевский бо офаридани романҳои «Ҷиноят ва ҷазо», «Бародарон Карамазовҳо» боиси таконе дар офаридани асарҳои моҷароӣ дар адабиёти рус мегардад. Ҳамин тавр, дар Шарқу Ғарб адибоне ба олами адабиёт омаданд, ки бо офаридани асарҳои моҷароӣ шуҳратёр гардиданд.**

Як ҷиҳати муҳими қиссаю ҳикояҳои нависанда баёни муъҷази онҳост. Зариф Ғулом суханпардозии зиёдро дӯст намедорад, ҳамин чиз боис гашта, ки ҳикояҳояш кӯтоҳ, вале муассир эҷод гарданд. Далели ин гуфта китоби «Ҳақиқати талх» аст, ки маҷмӯи қиссаю ҳикояҳоро дар бар мегирад. Нависанда ба ҳолати равонии қаҳрамонони мусбату манфии ҳикояҳо камтар таваҷҷуҳ зоҳир карда, бештар ба рух додани ин ё он ҷиноят ва кори моҳиронаи муфаттишон диққат медиҳад. Ин чиз хондани асарҳои нависандаро осон карда, хонандаро дилбазан намесозад.

Зариф Ғулом беҳуда ба навиштани асарҳои моҷароӣ даст назадааст. Шавқи дили ӯро ба ин кор устодаш нависандаи детективнависи рус Лев Шейнин такон бахшидааст. Истеъдоди нависандагии Зариф Ғулом, нигоҳи мӯшикофонаи ӯ дар кори тафтишотӣ боис мегардад, ки Лев Шейнин дар симои ӯ адиби моҷаронависро бубинад ва ӯро ба ин ҷодаи мушкилписанд ҳидоят созад.

Навиcанда асарҳое ҳам дорад, ки дар баробари хусусияти моҷароӣ доштан таърихӣ ҳам ҳастанд ва баъзе гӯшаҳои норавшани мақомоти ҳуқуқ ва мардуми моро бозгӯ мекунанд. Масалан, қиссаҳои «Қозӣ» ва «Ҳақиқати талх» аз ин дастаанд. Дар ин асарҳо раиси суди вилояти Кӯлоб Ҷаъфар Раҳмонов ва раиси суди ноҳияи Роҳи оҳан Солеҳҷон Исмоилов қаҳрамонони асосӣ буда, қурбони дасисабозиҳо мегарданд. Ин қиссаҳо аз таърихи пурмоҷарои мақомоти ҳуқуқ дар замони шуравӣ ҳикоят мекунанд ва як навъ бозтоби ҳаёти кормандони он мебошанд.

Асари дигари нависанда, ки комилан таърихист ва аз зиндагии пур аз фоҷиаи сарояндаи машҳур Абдукарим Ёрмаҳмадов, ки бо номи Карими шиш маъруф аст, навишта шудааст. Ин асар бо номи «Карими шиш» аз ҷониби нашриёти «Адиб» ба нашр расида, хонданист. Ба гумони ин ҷониб асари мазкур моҷароӣ не, балки фоҷиавӣ мебошад.

Дар адабиёти муосири тоҷик низ нависандагонеро метавон вохӯрд, ки асарҳои моҷароӣ навиштаанд. Албатта, унсурҳои ин жанр дар осори ниёконамон, аз қабили «Самаки айёр», «Ҳазору як шаб», «Синдбоднома», вуҷуд доранд, вале адибони муосири мо бештар бо таъсири адабиёти Ғарб ба насри моҷароӣ рӯ овардаанд. Яке аз онҳо Зариф Ғулом аст, ки дар ин ҷода заҳмат мекашад ва асарҳои хонданию ёдмон эҷод менамояд. «Парвоз», «Ҷодугар», «Ҳукми дил», «Даъвати хун», «Бори каҷ дар роҳи каҷ», «Бӯсаи аввал», «Аспи хиёнат», «Табаддулот», «Шоҳиди асосӣ», «Карими шиш», «Ҳақиқати талх», «Мори сафед» аз зумраи асарҳое мебошанд, ки Зариф Ғулом манзури хонанда гардонидааст.

Дар насри моҷароӣ асоси асарро рух додани ҷиноят ташкил медиҳад, ки нависанда рафти тафтишотро ба риштаи тасвир мекашад ва гунаҳкоронро муайян месозад. Конфликти асар дар мубориза адолат бо қонуншиканӣ сохта мешавад, ки дар ниҳоят адолат тантана мекунад. Ин маъниро ҳангоми баррасии эҷодиёти Зариф Ғулом устоди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ профессор Ашурбой Имомов чунин зикр мекунад: «Барои навиштани асари адабии моҷароӣ ғайр аз лаёқату малакаи насрнависӣ сатҳи зарурии маълумоти ҳуқуқӣ доштан муҳим аст. Дуюм, аз чунин фанҳои ҳуқуқӣ, ба монанди ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика, криминология, фаъолияти оперативии ҷустуҷӯӣ, ҳуқуқи судӣ, назорати прокурорӣ дониши амиқи ихтисосӣ доштан зарур аст».

Зариф Ғулом хатмкардаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, дар риштаҳои гуногуни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кор кардааст. Таҷрибаи кор дар ин соҳа ба нависанда имкон фароҳам оварда, ки насри моҷароии ӯ воқеӣ бошад, аммо нависанда дар ин маврид назари дигар дорад, ки дар суҳбате бо хабарнигори рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» Сайёраи Қиёмиддин онро иброз намудааст: «Доштани таҷрибаи фаъолият дар ин соҳа ба манфиати муаллиф аст, аммо ин ҳатмӣ буда наметавонад. Таълифи чунин асарҳо вобаста аст ба донишу малакаи худи адиб. Хуб аст, агар адиб бо яке аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дӯстӣ дошта бошад ё бо чунин идораҳо равуо дошта бошад, то бисёр ҳолатҳоро бинаду мушоҳида кунад. Ҳамчунин, қонун ва кодексҳоро донад».

Неку бад, сиёҳу сафед мафҳумҳое ҳастанд, ки асли ҳаёти одамонро фаро мегиранд. Муҳим он аст, ки инсон кадом роҳро интихоб мекунад, ба бадиҳо майл менамояд ё хубиҳоро бармегузинад. Албатта, низоми ҷомеа он гуна сохта шудааст, ки ба сӯи камолу саодат ҳаракат мекунад, аммо ёфт мешаванд нафароне, ки ин низомро халалдор месозанд, ба корҳои паст даст мезананд, дуздӣ мекунанд, ба номуси касе таҷовуз менамоянд, осоиши одамонро барҳам задан мехоҳанд.

